**ТАҚРИЗ**
**ба фишурдаи диссертатсияи Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевна «Робитаи дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ (дар сатҳи лексика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ-типологӣ (Хуҷанд, 2020. -26с.)**

Ба риштаи таҳлил кашидани робитаи ду ё зиёда забонҳои бо ҳамдигар хеш ё ғайрихеш метавонад барои ошкор гардидани даврони оғоз шудани иртиботи байни онҳо ва дараҷаи таъсири якдигар дар қарнҳои мухталиф мадад расонида, усулҳои воридгардии сарвати луғавии яке аз чунин забонҳоро ба дигаре нишон диҳад. Аз ин ҷиҳат мавзӯи диссертатсияи унвонҷӯ Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевна муҳим ва мубрам маҳсуб гардида, он метавонад барои ҳаллу фасл шудани таъсири тарафайни ду забони бо ҳамдигар хеш, ки яке ба шохаи эронӣ (тоҷикӣ) ва дигаре ба гурӯҳи германи (англисӣ)-и оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мансубанд, ёрӣ расонад.

Диссертатсияи Ҳикматуллоева Н. А., тавре ки аз мутолиаи фишурдаи он бармеояд, аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат аст.

Унвонҷӯ пас аз он ки дар муқаддима доир ба аҳамияти таҳқиқот, дараҷаи омӯхташавии мавзӯъ, мақсаду вазифаҳо, сарчашмаҳои пажӯҳиш, мавзӯъву матлаб, заминаҳои методологӣ, навигариҳои илмӣ, арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда ва м. инҳо мулоҳизаронӣ мекунад, ба баррасии мазмуну муҳтавои бобҳои рисола рӯ меорад.

Дар боби аввали диссертатсия, ки «Корбурди вожаҳои тоҷикӣ дар забони англисӣ» ном дорад, унвонҷӯ дар бораи хусусиятҳои истифодаи гурӯҳи калони калимаҳои тоҷикӣ дар забони англисӣ назари худро баён менамояд. Дар шаш фаслу ҳашт зерфасли ин боб муаллифи рисола ин гуна унсурҳои луғавиро нахуст аз рӯи мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ ва баъдан ҳар кадоми онҳоро мувофиқи маънояшон ба гурӯҳҳои мухталиф ҷудо карда, вижагиҳои ҳар кадоми калимаҳои мансуб ба чунин бахшҳоро нишон медиҳад. Дар натиҷаи таҳлил унвонҷӯ ба чунин хулоса меояд, ки агарчи вожаҳои ба таркиби луғавии забони англисӣ роҳёфта мансуб ба исм, сифат, феъл ва вожаҳои ёвар ҳастанд, вале қисми зиёди ин гуна калимаҳоро унсурҳои луғавии ба исм мутааллиқ ташкил медиҳанд. Бартарии чунин вожаҳои мансуб ба исмро аз ин нукта низ метавон эҳсос намуд, ки муаллиф онҳоро ба ҳафт гурӯҳи маъноӣ ҷудо намудааст.

Фасли охири ин боб ба иқтибоси калимаҳои забонҳои дигар, мисли оромӣ, ҳиндӣ, аккодӣ, ҳомӣ, чинӣ, муғулӣ ва ғайраҳо ба забони англисӣ тавассути забони тоҷикӣ бахшида шуда, дар он бист адади чунин вожаҳо бо нишон додани сайри таърихияшон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Корбурди вожаҳои англисӣ дар забони тоҷикӣ» ном дорад, унвонҷӯ кӯшиш ба харҷ додааст, ки нақши

забони англисиро дар ғаномандии таркиби луғавии забони тоҷикӣ нишон диҳад. Муаллифи рисола дар заминаи маводи гирдовардааш ба хулосае омадааст, ки ин гуна унсурҳои луғавӣ баръакси вожаҳои тоҷикии ба забони англисӣ роҳёфта асосан калимаҳои мансуб ба исмро дар бар гирифта, онҳо аз лиҳози маънояшон ба дувоздаҳ гурӯҳ, монанди номи матоъ, либос, дарахту гулу гиёҳ, ҷой, макон, вазифа, маводи хӯроку нӯшокӣ ва ғайраҳо ҷудо мешаванд. Бино ба ишораи унвонҷӯ, бархе аз ин гуна исмҳо дар айни ҳол дар забони тоҷикӣ мустаъмал нестанд. Ин аст, ки ӯ чунин навъи вожаҳоро ба исмҳои кӯҳнашуда ва маъмул дастабандӣ намудааст.

Мусаллам аст, ки ҳар ду забони мавриди муқоиса ба оилаи бузурги забонҳои ҳиндуаврупоӣ мансубанд. Ин аст, ки дар таркиби луғавии ҳар дуи онҳо силсилаи калони воҳидҳои луғавие ба мушоҳида мерасанд, ки дорои решаи ягона буда, дар тӯли истифодаашон аз асли худ басо дур рафтаанд. Ин масъала дар боби сеюми диссертатсия-«Ҳамвожаҳои тоҷикиву англисӣ» баррасӣ шудааст. Муаллиф чунин ҳамвожаҳоро вобаста ба даврони истифодаашон ба чаҳор қисм ҷудо намуда, ба хулосае омадааст, ки аз байнашон ҳамвожаҳои дар даврони нави инкишофи ҳар ду забон мавҷуда бартарӣ доранд.

Ҳикматуллоева Н. А. дар ин боби рисола низ ҳамон низоми таҳлили дар ду боби қаблӣ пешгирифтаашро идома дода, онҳоро аз рӯи мансубияташон ба исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф ва калимаҳои ёвар ҷудо намудааст ва ба бардоште расидааст, ки аз байни онҳо беш аз ҳама калимаҳои мансуб ба исм афзалият доранд. Афзунии чунин навъи унсурҳои луғавиро аз ин нукта низ метавон дарк кард, ки муаллифи рисола онҳоро ба ҳашт гурӯҳи маъноӣ тақсим намудааст.

Ҳамин тавр, унвонҷӯ аз иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромадааст, барои таълифи чунин таҳқиқот осори зиёд ва зарурии ба мавзӯъ рабтдоштаро мутолиа кардааст, барои исботи мансубияти забонии калимаҳо фарҳангномаҳои фаровони этимологӣ ва тафсириро аз назар гузаронидааст.

Аз маводи гирдомада ва тарзи таҳлили онҳо бармеояд, ки Ҳикматуллоева Н. А. солҳои тӯлонӣ дар атрофи ин масъала машғули пажӯҳиш аст.

Дар диссертатсия дар қатори дастовардҳо баъзе нуктаҳои ислоҳталаб, иштибоҳҳо ба назар мерасанд, ки дар оянда бартараф намуданашон боиси болоравии арзиши он мешаванд:

1. Муаллиф қайд менамояд, ки боби нахусти диссертатсия фарогири шаш фасл ва ҳашт зерфасл аст, вале аз муҳтавои он бармеояд, ки он шомили панҷ фасл ва ҳафт зерфасл аст (ниг. с.6-ум фишурдаи диссертатсия).

2. Унвонҷӯ на ҳамеша мансубияти забонӣ ва сайри таърихии онҳоро зикр кардааст (ниг. с.8, 10-ум).

Чунин камбудиҳо, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, ҳаргиз арзиши таҳқиқоти мазкурро паст намекунанд.

Рисолаи илмии Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевна дар мавзӯи «Робитаи дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ (дар сатҳи лексика)» таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи КОА-ии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ-типологӣ мебошад.

**Муқарриз**: номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисодиёти Тоҷикистон Собирҷонов Солеҳҷон

**Телефон**: 90-790-70-03

«Имзои дотсент Собирҷонов Солеҳҷонро тасдиқ мекунам».

**Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодиёти Тоҷикистон**: Раҷабов Бекмурод

КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ